# ДТТ - ДОНИШГОҲИ ИННОВАТСИОНИИ №1

# МАРҲАБО, БА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН!

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — 10 январи соли 2017 — №9 (55)

## АЗ ТАЪРИХИ ДОНИШГОҲ



Донишгоҳи технологии Тоҷикистон яке аз мактабҳои олии бонуфузи мамлакат буда, дар он тарбия ва тайёр кардани мутахассисони варзидаи дорои тахассуси олӣ дар риштаҳои технологӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ ва дизайн сурат мегирад. Донишгоҳ тибқи Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон аз 20 сентябри соли 1990 фаъолият менамояд.

Айни замон дар сохтори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, филиали донишгоҳ дар шаҳри Исфара, Гимназия дар шаҳри Кӯлоб ва Литсейи инноватсионии "Душанбе" фаъолият доранд. Дар асоси шартномаҳои ҳамкории бо силсилаи муассисаҳои таҳсилоти олии Федератсияи Россия баимзорасида ва бо истифода аз имкониятҳои факултети муштараки тоҷикӣ-россиягӣ, ки дар филиали ДТТ дар шаҳри Кӯлоб амал мекунад, имрӯзҳо зиёда аз 1200 нафар донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои техникию технологӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург, Иваново, Кострома, Ярославл, Воронеж ва ғайра таҳсили худро аз ҳисоби буҷаи Федератсияи Россия бомуваффақият идома медиҳанд.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамкориҳои судмандро бо беш аз 60 таълимгоҳҳои хориҷӣ ба роҳ мондааст.

Мувофиқи ҷадвали рейтингии Агентии байналмилалии "Интерфакс" аз декабри соли 2013, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ягона таълимгоҳи кишвар мебошад, ки аз лиҳози омодагӣ ба навгониҳо ба рӯйхати беҳтарин 200 муассисаҳои олии касбии ИДМ шомил гардидааст. Дар рӯйхати васеъгардидаи ин назарпурсӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар байни 400 муассисаи инноватсионии таълимоти олии ИДМ мақоми 151-ро соҳиб гардид, ки барои Тоҷикистон баландтарин нишондиҳанда мебошад. Бо назардошти ин, кӯшишҳои пайваста ба харҷ дода мешавад, ки мавқеи рейтингии донишгоҳ боз ҳам баландтар бардошта шавад.

Ҳоло донишгоҳ дорои китобхонаи замонавӣ бо маҷмӯи зиёди китобҳои муосири ихтисосию тахассусӣ мебошад. Маркази компютерии донишгоҳ, китобхонаи электронӣ, 24 синфхонаҳои компютерӣ ва зиёда аз 61 синфхонаҳои муҷаҳҳаз бо технологияи мултимедиявӣ барои гузаронидани машғулиятҳо ва корҳои инфиродии донишҷӯён омода мебошанд.

Дар донишгоҳ Маркази эҷодиёт ва ихтирооти техникии донишҷӯён таъсис дода шудааст, ки дар доираи он донишҷӯёни болаёқат дар чаҳорчӯбаи барномаи ҷустуҷӯ ва дастгирии истеъдодҳо ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб мегарданд.

Маҷаллаи "Паёми донишгоҳ", рӯзномаи "Фановар" ва маводҳои конференсияҳои илмии байналмилалӣ мунтазам интишор мегарданд. Барои тарғиби бевоситаи беҳтарин дастовардҳои донишҷӯён аз соли 2009 маҷаллаи "Донишҷӯ ва навгониҳои илму техника" ба нашр мерасад. Бо мақсади дастгирии донишҷӯёни лаёқатманд ва боистеъдод дар донишгоҳ Маркази сайқали маҳорати касбӣ ва дастгирии иқдоми донишҷӯён таъсис дода шудааст.

**Довталабони арҷманд!**

**Бо ёрии барномаҳои Skype ва M-Агент тариқи он-лайн метавонед бо кормандони ДТТ суҳбат намоед.**

**Суроға дар Skype: dovtalab_dtt**

**Суроға дар M-Агент: dovtalab_dtt@mail.ru**

**Хоҳишмандем ҳангоми интихоби таълимгоҳҳои олӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро дар ҷои аввал гузоред.**

**Донишгоҳ дар низоми Маркази миллии тестӣ таҳти №»107 мавқеъ дорад.**

## Донишгоҳ аз рӯи ихтисосҳои зерин мутахассисонро тайёр менамояд:

| Ихтисосҳо ва тахассусҳо | | Шакли таҳсил | Мабл. шартн., сомонӣ | Рақами кластер |
|---|---|---|---|---|
| **ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ-ТЕХНОЛОГӢ** | | | | |
| 1-54 01 01 | Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрокворӣ) | рӯзона | 4140 | 1 |
| | | ғоибона | 3100 | 1 |
| 1-36 09 01 | Мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока | рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-49 01 01 | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоӣ | рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-49 01 01 08 | Технологияи ғизои функсионалӣ ва кӯдакона | рӯзона | 4140 | 1 |
| 1- 49 01 02 | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти хоми ҳайвонот | рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-91 01 01 | Истеҳсоли маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ | рӯзона | 4140 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ДИЗАЙН** | | | | |
| 1- 50 01 01 | Технологияи ресмонҳо, матоъҳо, масолеҳи кешбофт ва бебофт | рӯзона | 4140 | 1 |
| | | ғоибона | 3100 | 1 |
| 1- 50 0101 04 | Технологияҳои матоъҳо | рӯзона | | |
| 1-50 01 01 01 | Ресидани нахи табиӣ | рӯзона | 4140 | 1 |
| 1- 50 01 01 05 | Технологияи трикотаж | рӯзона | 4140 | 1 |
| | | ғоибона | 3100 | 1 |
| 1- 50 0101 07 | Лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ | рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-50 01 0104 | Технологияи матоъҳо | рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-50 01 02 01 | Технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ | рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-19 01 0105 | Дизайн (аз рӯи самтҳо) | рӯзона | | |
| 1-19 01 01 05 01 | Дизайн маснуоти дӯзандагӣ | рӯзона | 4140 | 3 |
| 1-19 01 01 05 04 | Дизайн маснуоти бофандагӣ | рӯзона | 4140 | 3 |
| 1-54010104 | Метрология, стандартизатсия ва сертификатсия (саноати сабук) | рӯзона | 4140 | 1 |
| | | ғоибона | 3100 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИИ СОҲАВӢ** | | | | |
| 1-40 01 02 01 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | рӯзона | 4600 | 1 |
| | | ғоибона | 3450 | 1 |
| | | ғоибона | 3450 | 1 |
| 1-40 01 01 01 | Системаҳои таъмини бехатарии маълумот | рӯзона | 4600 | 1 |
| 1-40 01 01 07 | Таъминоти математикӣ ва барномавии истеҳсолоти автоматикунонидашуда | рӯзона | 4600 | 1 |
| | | ғоибона | | |
| 1-40 01 01 08 | Муҳандисии барномавӣ | рӯзона | 4600 | 1 |
| 1-25 0110 24 | Таъмини иттилоотии бизнес | рӯзона | 4600 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ИНВЕСТИТСИОНӢ** | | | | |
| 1-26 02 02 | Менеҷменти байналмилалӣ | рӯзона | 4600 | 2 |
| | | | 5140* | 2 |
| | | ғоибона | 3450 | 2 |
| 1- 26 02 02 08 | Менеҷменти инвеститсионӣ | рӯзона | 4600 | 2 |
| 1-74 05 01 | Идора ва дипломатияи истифодабарии захираҳои обӣ | рӯзона | 4600 | 2 |
| **ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН ВА МАРКЕТИНГ** | | | | |
| 1-25 01 03 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | рӯзона | 4600 | 2 |
| | | ғоибона | 3450 | 2 |
| 1-26 02 03 05 | Маркетинги байналмилалӣ | рӯзона | 4600 | 2 |
| 1-25010304 | Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | рӯзона | 4600 | 2 |
| **ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ ВА ИННОВАТСИОНӢ** | | | | |
| 1- 25 01 01 04 | Иқтисодиёти инкишофи илмию технологӣ | рӯзона | 4600 | 2 |
| 1- 25 01 02 01 | Иқтисодиёти таҳлилӣ | рӯзона | 4600 | 2 |
| 1-25 01 04 10 | Молия ва қарз | рӯзона | 4600 | 2 |
| | | ғоибона | 3450 | 2 |
| 1-25 01 07 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона (дар корхонаҳои саноатӣ) | рӯзона | 4600 | 2 |
| | | ғоибона | 3450 | 2 |
| 1-25 01 07 07 | Идораи лоиҳаҳо | рӯзона | 4600 | 2 |
| **ФАКУЛТЕТИ МУШТАРАКИ ТОҶИКӢ-УКРАИНӢ «СИСТЕМА ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ КОМПЮТЕРӢ»** | | | | |
| 1-40 01 0101 | Системаҳои компютерӣ ва интернет технологияҳо | рӯзона | 4600 | 1 |
| | | ғоибона | 3450 | 1 |
| 1- 40 01 01 02 | Системаҳои автоматикунонида шуда | рӯзона | 4600 | 1 |
| 1-40 01 0103 | Системаҳои компютерии бонкӣ | рӯзона | 4600 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ВА ТАЪЛИМОТИ КАСБӢ** | | | | |
| 1-08010107 (02) | Таълимоти касбӣ (информатика). Дизайни компютерӣ, технологияҳои Интернет ва мултимедия | рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-08010107 (01) | Таълимоти касбӣ (информатика). Система ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, системаҳои мобилӣ, алоқаи моҳворавӣ ва радиотехника | рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-08010110 (01) | Таълимоти касбӣ (дизайн). Тарҳрезии услуби инсон ва муҳити зист | рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-08010111 (01) | Таълимоти касбӣ (саноати сабук). Технологияи саноати нассоҷӣ ва саноати сабук | рӯзона | 4140 | 1 |
| 1- 45 01 03 | Шабакаҳои телекоммуникатсионӣ | рӯзона | 4600 | 1 |
| 1-430106(01) | Технологияи энергияи самарабахш ва менеҷменти энергетикӣ. Менеҷменти энергетикӣ | рӯзона | 4600 | 1 |

## ФАКУЛТЕТИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ВА ҒОИБОНА

**1-540101 - Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия ( аз рӯи самтҳо)**

**1-400101 - Таъмини барномавии технологияи иттилоотӣ**

**1-500101 - Технологияи ришта, матоъ, нассоҷӣ ва матои бе тору пуд**

**1-50010105 - Технологияи трикотаж**

**1-50010107 - Лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ**

**1-500102 - Таркиб ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ**

**1-250104 - Молия ва қарз**

**1-250103 - Иқтисоди ҷаҳон**

**1-250107 - Иқтисодиёт ва идора дар корхона**

**1-400102 - Технология ва низоми иттилоотӣ**

**1-260202 - Менеҷменти байналмилалӣ**

**1-26020208 - Менеҷменти инвеститсионӣ**

**1-40010101 - системаҳои компютерӣ ва интернет-технологияҳо**

## ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ-ТЕХНОЛОГӢ



Моҳи сентябри соли 1990 дар Коллеҷи олии технологии Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи технологии Тоҷикистон) кафедраи кимиё таъсис ёфт, ки он барои тайёр намудани мутахассисони соҳаи саноати хӯрокворӣ равона карда шуда буд. Соли 1991 бо мақсади ташкил додани кафедраи тахассусӣ тағйиротҳои сохторӣ гузаронида шуд, ки дар он кафедраи кимиё ба ду кафедра: "Кимиё" ва "Технологияи саноати хӯрокворӣ" тақсим карда шуд.

Бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 05.12. 1996 ва фармони ректор таҳти № 250/ХУ аз 25.12.1996 Департаменти илм ва технологияи маводи хӯрока таъсис ёфт, ки ба он кафедраҳои навтаъсиси "кимиё ва биокимиё" ва "технологияи саноати хӯрокворӣ" шомил гаштанд.

Факултети муҳандисӣ-технологӣ бо қарори Шӯрои олимони ДТТ аз 05. 09. 2003 таъсис ёфт ва декани факултет номзади илмҳои техникӣ, дотсент Ҳакимов Ғ.Қ. таъин шуд. Номзади илмҳои техникӣ, и.в. дотсент Қурбонов Ф.Б. аз ноябри соли 2009 ҳамчун иҷрокунандаи вазифаи декан ва аз 01.01.2010 декани факултет таъин гардид.

Бо мақсади ташкили ратсионалии равияи таълиму тарбия ва таъсисёбии ихтисосҳои нав, рушди мақсадноки базаи озмоишгоҳии факултет ба сохтори он кафедраҳои мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока, технологияи маводи хӯрока ва кафедраи кимиё шомил шуданд.

Дар кафедраҳои ФМТ 23 омӯзгори штатӣ, аз ҷумла 9 омӯзгорони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ дошта фаъолият мекунанд.

Мувофиқи нақшаҳои таълимии тасдиқшудаи донишгоҳ дар кафедраҳои факултет аз рӯи 68 фанни таълимӣ дарс медиҳанд.

Шумораи донишҷӯёни факултет то 1-уми декабри соли 2016 388 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 24 нафарашон тибқи квотаи Президентӣ таҳсил менамоянд.

***Ф. Қурбонов, декани факултет, дотсент***

## ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИИ СОҲАВӢ

Аз 1 сентябри соли 2008 факултети система ва технологияҳои иттилоотӣ ба тайёр намудани бакалаври технологияи иттилоотӣ аз рӯи ихтисоси 1- 40 01 02 02- технология ва системаҳои иттилоотӣ (дар иқтисодиёт шурӯъ намуд. Тибқи фармони ректори ДТТ таҳти №6/ХУ аз 20 январи соли 2010 дар заминаи факултетҳои система ва технологияҳои иттилоотӣ ва факултети технологияҳои инноватсионӣ ва компютерӣ факултети технологияҳои компютерӣ ва системаҳои иттилоотӣ таъсис дода шуд, ки фаъолияташро аз 1-уми феврали соли 2010 то 1-уми сентябри соли 2011 давом дод. Аз 1-уми сентябри соли 2014 факултети система ва технологияҳои иттилоотии соҳавӣ ва факултети технологияҳои инноватсионӣ ва компютерӣ ҳамчун як факултет бо номи факултети технологияҳои иттилоотии соҳавӣ дар тайёр намудани мутахассисони соҳаи системаҳои иттилоотӣ фаъолият намуда истодааст. Дар соли таҳсили 2015-2016 дар сохтори факултет 3 кафедра -системаҳои иттилоотӣ, барномасозӣ ва технологияҳои иттилоотй, математикаи олй ва информатика фаъолият намуда, раванди мунтазами ҷараёни таълимро таъмин намуданд.



Факултети технологияҳои иттилоотии соҳавӣ тамоми саъю кӯшишро барои ҷустуҷӯи усул ва роҳҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ гардонидани мутахассисони замони нав равона намудааст.

Заминаи мустаҳками моддӣ - техникӣ ва иқдидори кадрии факултет имкон медиҳад, ки мутахассисони варзидаи соҳаи барномасозӣ, технологияҳои иттилоотӣ, математикаи олӣ ва информатика тайёр карда шаванд. Аз ин хотир, Шумо довталабони азиз хоҳед, ки соҳиби чунин ихтисосҳо шавед, факултети технологияҳои иттилоотии соҳавии ДТТ-ро интихоб кунед.

***Субҳон Ашуров, декани факултет, номзади илмҳои физика-математика, доктори илмҳои иқтисодӣ***

## ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯ

**Факултети технология ва дизайн (ФТД), собиқ факултети саноати сабук, соли 1990 дар як вақт бо таъсис ёфтани донишгоҳ (он вақт Коллеҷи олии технологии Тоҷикистон) ташкил шудааст. Баъдан он дар ҳайати факултети муҳандисӣ-технологӣ фаъолият менамуд. Бо фармони ректор №69 аз 05.09.2003 аз нав ба сохтори мустақили донишгоҳ табдил дода шуд.**

**Тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бо мутахассисони варзидаи соҳаи саноати сабук таъмин намудани корхонаҳои соҳавии мамлакат, садорати факултети технология ва дизайн дар асоси иҷозатномаи нави Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мутахассисонро аз рӯи ёздаҳ ихтисос тайёр менамояд.**

**Омӯзиши фанҳои тахассусӣ имкон медиҳанд, ки донишҷӯён бо таърихи сару либос ва мӯд, асосҳои интихоби масолеҳи либосвор ва ғайра шинос шаванд. Дар машғулиятҳо, маҳфилҳои мӯд ва барномаҳои телевизионӣ намоишҳои тарҳрезони шинохтаи гузаштаю ҷаҳони муосир васеъ истифода мешаванд. Таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён ва қисман машғулиятҳои амалию озмоишӣ аз фанҳои тахассусӣ дар ҶСШК "Нассоҷии тоҷик", ки дар пойтахт калонтарин корхонаи нассоҷӣ ба ҳисоб меравад, гузаронида мешаванд.**



**Дар сохтори кафедраи дизайни либос ва санъати мӯд, ки масъули ихтисоси 1-19010105 ва 1-50010202 мебошад, студияҳои таърихи санъат, қаламкашӣ, рангкашӣ ва дизайн фаъолият мекунанд.**

**Имрӯз кафедра бо дастовардҳои бойи кормандону донишҷӯён ва анъанаҳои неки худ ифтихор дорад. Кулли омӯзгорони кафедра ва якчанд донишҷӯёни соҳибмалакаи он аъзоёни Иттифоқи дизайнерони Тоҷикистон мебошанд. Маҳз дар ин ҷо Нишон ва Парчами Тоҷикистони мустақил, Нишони пойтахти ҷумҳурӣ, қисми зиёди нишонҳои давлатӣ ва муассисавӣ арзи вуҷуд кардаанд. Тамсилаҳои сарулибоси кормандони Хадамоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи омӯзгорон ва донишҷӯёни ин кафедра тарҳрезӣ гашта, дар масолеҳ ба иҷро расидаанд. Хатмкунандагони ихтисоси 1-19010105 метавонанд дар корхонаҳои саноатӣ, ташкилоту муассисаҳои давлатӣ, ширкатҳои шахсию корхонаҳои шакли моликияташон омехта бо иҷрои фаъолияти ташкилӣ-идорасозӣ, истеҳсолӣ-технологӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ё тарроҳӣ кор кунанд.**

**Аз соли 2014 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи аз ҷониби Маркази миллии тестӣ гузаронидани имтиҳонҳои қабул ба таълимгоҳҳои олии касбӣ ба роҳ монда шудааст. Факултети технология ва дизайн дарҳои худро барои тамоми навовариҳо ва кашфиётҳои пешқадам боз намуда, ба оянда бо рӯҳияи баланд ва некбинона менигарад**

**Бо итминони комил гуфта метавонам,ки агар Шумо довталабони азиз ихтисосҳои факултети технология ва дизайни ДТТ-ро интихоб кунед, хато нахоҳед кард.**

*Холназар Иброҳимов, д.и.т., профессор*

## ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ИНВЕСТИТСИОНӢ



Дар соли 2014 бо фармони ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон факултети менеҷмент ва модели аврупоии таҳсилот таъсис ёфта буд. Дар моҳи октябри соли 2016 бо тасдиқ шудани сохтори нави донишгоҳ номи факултет ба менеҷменти байналмилалӣ ва инвеститсионӣ иваз карда шуд. Дар айни ҳол факултет мутахассисони соҳаҳои саноати иқтисодиро дар самтҳои гуногун тайёр мекунад. Айни ҳол раёсати факултет мутахассисони дараҷаи бакалаврро аз рӯи ихтисосҳои 1-26020202- менеҷменти байналмилалӣ 1-26020208- менеҷменти инвеститсионӣ, 1-25010301- идоракунии фаъолияти иқтисоди берунӣ, 1-7405010501- дипломатия ва истифодаи захираҳои обӣ тайёр мекунад. Факултет дорои ду кафедра: менеҷменти байналмилалӣ (мудираш номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Соҳибҷон Сангинов) ва забонҳои хориҷӣ (мудираш номзади илмҳои филологӣ, дотсент Сироҷиддин Насрудинов) мебошанд.

Довталабони гиромӣ! Агар Шумо мутахассисони рақобатпазири замони муосир шудан хоҳед, факултети менеҷменти байналмилалӣ ва инвеститсионии донишгоҳро интихоб намоед.

**Дар сурат:** донишҷӯёни факултет ҳангоми таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ.

***Таҳмина Рабиева, декани факултет, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент***

# ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН ВА МАРКЕТИНГ

Таърихи факултети иқтисодиёти ҷаҳон ва маркетинг аз соли 1995 бо ташкили Коллеҷи байналхалқии амрикоӣ оғоз мегардад. 30 августи соли 2007 бо мақсади тайёр намудани мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои 060600.01-иқтисодиёти ҷаҳон бо назардошти маркетинг ва менеҷменти байналмилалӣ ва 060600.00 - иқтисодиёти ҷаҳон факултети байналхалқӣ ташкил ёфта, вазифаи декани факултети мазкурро номзади илмҳои физикаю математика, дотсент Юсупов Мирзо Чулиевич ба уҳда дошт. Аз 21-уми январи соли 2009 тайёр намудани мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои 060600.01-иқтисодиёти ҷаҳон бо назардошти маркетинг ва менеҷменти байналмилалӣ ва 060600.00 - иқтисодиёти ҷаҳон дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тахти сарварии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Усмонова Туҳфа Ҷумаевна дар



доираи факултети идоракунии маъмурӣ ва иқтисоди инноватсионӣ давом ёфт. Аз 1 сентябри соли 2011 номи факултети мазкур ба факултети иқтисоди ҷаҳон ва маркетинг табдил дода шуда, то 3-юми январи соли 2013 вазифаи декани факултет ба дӯши профессор Усмонова Т.Ҷ. вогузошта шуда буд. Аз 3-юми январи соли 2013 то моҳи сентябри соли 2014 номзади илмҳои физикаю математика, дотсент Неъматова Гавҳар Деҳқоновна вазифаи декани факултети иқтисоди ҷаҳон ва маркетингро ба уҳда дошт. Аз 1-уми сентябри соли 2014 вазифаи мазкур ба уҳдаи номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдурасул Сатторов гузошта шуд. Айни ҳол факултети иқтисоди ҷаҳон ва маркетинг ҳамчун зерсохтори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои тайёр намудани мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои 1-26020305 - маркетинги байналхалқӣ, 1-25010301- идораи фаъолияти иқтисодиёти берунӣ ва 1-25010304- идоракунии сармоягузории хориҷӣ масъул мебошад.

Дар факултет 9 доктори илм, профессорон, зиёда аз 20 номзади илм, мутахассисони баландихтисос аз корхонаҳои соҳавӣ ва дигар омӯзгорон ба донишҷӯён дарс медиҳанд.

Дар омода намудани мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир саҳми мактабҳои илмӣ беназир аст. Аз ҷумла, таҳти роҳбарии профессор Абдуғаффор Рауфӣ мактаби илмии Трансформатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон, таҳти роҳбарии д.и.и., профессор Туҳфа Усмонова мактаби илмии Маркази идораи лоиҳаҳои илмиасоси донишҷӯён ва зери роҳбарии н.и.и., дотсент Абдурасул Сатторов маҳфили "Иқтисодчиёни ҷавон" фаъолият менамоянд. Ҳадафи асосӣ аз ташкил ва фаъолияти маҳфил он аст, ки донишҷӯён оид ба мавзӯъҳои рӯзмарраи ҳаёти иқтисодии ҷумҳурӣ маълумоти амиқро пайдо намуда, дар ҳаллу фасли масъалаҳои иқтисодӣ фаъол бошанд.

Хатмкардагони факултет дар муассисаҳои бонуфузи кишвар ба монанди ҶСК "Агроинвестбонк", "Тоҷиксодиротбонк", "Амонатбонк", Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати корҳои хориҷии ҶТ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ ва ғайра фаъолият менамоянд.

***А. Сатторов, декани факултет, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент***

# ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ ВА ИННОВАТСИОНӢ

Бо фармони ректори ДТТ таҳти №27 аз 26.03.2009 дар заминаи факултети идоракунии маъмурӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ аз 01.04. 2009 ду факултет таъсис ёфт, ки яке аз онҳо факултети менеҷменти молиявӣ ва инноватсионӣ мебошад.

Айни ҳол дар факултет 873 нафар донишҷӯён таҳсил менамоянд, ки 648 нафарашонро писарон ва 225 нафарашонро духтарон ташкил мекунанд.

Ба сохтори факултет 3 кафедра дохил мешавад:

- назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушд;
- молия ва қарз;
- иқтисодиёт ва идора.

Дар кафедраҳои факултет 28 нафар омӯзгорони штатӣ кор мекунанд, ки аз онҳо 11 нафар соҳиби унвонҳои доктор ва номзади илм

Дар 5 соли охир коллективи омӯзгорони факултет дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба натиҷаҳои назаррас муваффақ гаштаанд.

Айни ҳол факултет дорои 42 адад компютер, 5 ноутбук, 1 минбари (трибуна) электронӣ ва 14 принтер, аз он ҷумла 3 принтери ранга мебошад. 11 компютер ба шабакаи интернет пайваст мебошад. Синфхонаи компютерии 3/104 бо 11 адад компютер ва ноутбук бо тахтаи электронӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Факултет дорои 7 синфхонаи бо тахтаи электронӣ ҷиҳозонидашуда мебошад, ки дар онҳо омӯзгорон бо истифода аз технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва мултимедия машғулият мегузаронанд.

Донишҷӯёни факултет дар 5 соли охир 837 лоиҳаи лоиҳи сохтмонӣ дар ҷамоати деҳоти ба номи Карим Исмоилови ш. Ваҳдат (муаллифаш Эшонкулов Ҷ.С. ва ғайра дохил мешаванд.

Донишҷӯи ихтисоси 060400 - молия ва қарз Эвазов Саидо соли 2013 дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ аз назарияи иқтисодӣ ҷои дуюмро ишғол намуд.

Соли 2014 донишҷӯи ихтисоси 1-25 01 07 11 - иқтисодиёт ва идора дар корхонаи саноатӣ Давлатова Зӯҳро дар Олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ аз фанни назарияи иқтисод ҷои 2-юм ва соли 2015 ҷои 1-умро ишғол намуд.

Соли 2013 аз ҷониби мутахассисони пешбари Маркази таълимии ҶСК "Агроинвестбонк" дар назди факултет курси бонк



мебошанд, аз ҷумла Академики АИ ҶТ, д.и.и., профессор Раҳимов Р.К., д.и.и., профессор Усмонова Т.Ҷ., н.и.и., и.в.профессор Тошматов М.Н., Шобеков М., н.и.и., дотсентон Даринговь Қ.П., Қиёмидинов Ҳ., Содиқов Р.Ҳ., Сатторов А.А., Додоҷонова Н.М.

Дар давоми солҳои охир омӯзгорони факултет 5 монография, 11 китоби дарсӣ ва дастури таълимӣ, 71 дастури методиро оид ба иҷрои корҳои курсӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён омода ва нашр намуданд.

инноватсионӣ таҳия ва пешниҳод намуданд. Ба лоиҳаҳои беҳтарини инноватсионии донишҷӯён лоиҳаҳои "Корхонаи чипсбарории "Ҷомӣ-1" (муаллиф Бобоева Мунира)", "Таҳлили вазъи воқеӣ ва рушди иқтисодиа ноҳияи Шаҳринав (муаллиф Ҳидоятов Шарифҷон)", "Таҳияи бизнес-нақшаи гармхона дар деҳаи Оби шифои ҷамоати деҳоти ба номи Б.Бурунови ш. Ваҳдат (муаллиф Саидова Сурайё)", "Таҳияи бизнес-нақша оид ба ташкили корхонаи истеҳсоли масодорӣ ташкил карда шуд, ки дар он 32 нафар донишҷӯёни курсҳои 2- юм ва 4-ум иштирок намуда, соҳиби сертификат гаштанд.

Соли 2016 дар назди кафедраи молия ва қарз курси сертификатсионии "Бозиҳои касбии расмии бонкдорӣ" бо иштироки мутахассисони ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" ташкил карда шуд. Ин курсро 21 нафар донишҷӯён хатм карда, соҳиби сертификат гардиданд.

***Абдураҳим Ҳасанов, декани факултет, и.в. профессор***

# ФАКУЛТЕТИ МУШТАРАКИ ТОҶИКӢ - УКРАИНӢ

Бо назардошти ҳуҷҷатҳои баимзорасидаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина, инчунин дар мувофиқа бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо фармони Вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 74 аз 26-уми



июни соли 2008 дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон факултети муштараки тоҷикӣ-украинӣ бо номи Идораи кормандон ва технологияи муосири пешбаранда таъсис дода шуд, ки он аз 1-уми сентябри соли 2008 ба фаъолият шурӯъ намуд.

Таълим дар факултети мазкур тариқи низоми кредитӣ ба роҳ монда шудааст.

Соли 2016 тариқи Маркази миллии тестӣ 71 нафар донишҷӯ ба курси 1 дохил гардиданд, ки 5 нафари онҳо духтарон мебошанд.

Дар соли таҳсили 2016-2017-ум 79 нафар хатмкунандагон соҳиби дараҷаи академии "бакалавр" хоҳанд гардид, ки 9 нафари онҳо духтарон ба ҳисоб мераванд.

Таълим дар 16 гурӯҳи академӣ, дар ду баст бо забони давлатӣ ва забони русӣ ба роҳ монда шудааст.

Факултет дорои 9 синфхонаи муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти мултимедӣ ва 486 ҷои нишаст мебошад. Дар 4 синфхонаҳои компютерӣ 77 адад компютерҳои ҷавобгӯ ба талаботи муосир пурра дастраси донишҷӯён мебошад. Ба ғайр аз ин 24 адад ноутбукҳои инфиродӣ, ки ба кафедраҳою деканат тааллуқ доранд, пурра дар раванди таълиму таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ истифода мегарданд.

Донишҷӯёни курсҳои болоӣ Султанов Беҳрӯз, Садуллоев Беҳрӯз, Тағоев Сиёвуш, Давлатов Алишер ва Валиев Алиҷон донишу малакаи баланди барномасозӣ дошта, мунтазам дар озмунҳо ва олимпиадаҳо ширкат меварзанд, аъзои академияи Cisco-и назди Департаменти технологияҳои иттилоотии донишгоҳ ба ҳисоб мераванд.

Дар чаҳорчӯбаи ҳамкорӣ бо таълимгоҳҳои олии Украина дар соли таҳсили 2015-2016 ду нафар мутахассисони варзидаи соҳа, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи миллии хоҷагидории об ва истифодабарии табиати шаҳри Ровнои Ҷумҳурии Украина Савина Наталия Борисовна ва номзади илмҳои техникӣ, дотсенти донишгоҳи мазкур Степанченко Олга Николаевна ба донишҷӯёни курсҳои болоӣ аз фанҳои тахассусӣ дарс доданд. Ҳамчунин дар ҳамкорӣ бо Сафорати Украина дар Тоҷикистон шаҳрвандони Украина, ки дар макотиби олии шаҳри Душанбе фаъолият менамоянд, барои гузаронидани машғулиятҳо ҷалб мегарданд.

Унвонҷӯи кафедраи СК ва ИТ Мурод Табаров айни ҳол бо барномаи ТЕМПУС дар кишвари Испания барои гирифтани дараҷаи академи PhD таҳсил намуда истодааст.

Хуллас, факултет дорои шароитҳои хуби таълиму тарбия ва иқтидори баланди кадрӣ буда, дар тайёр кардани мутахассисони ба талаботи бозор рақобатпазир саҳми арзанда дорад.

Аз ин рӯ, Шумо довталабони азизро бовар мекунонем, ки агар факултети муштараки тоҷикӣ-украинии Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб кунед, ҳаёти устодону профессорони факултет барои ҳамчун мутахассиси варзида ба камол расиданатон тамоми донишу малака ва маҳорати касбиашонро ба харҷ хоҳанд дод.

Марҳамат, ба факултети муштараки тоҷикӣ -украинӣ!

**Дар сурат:** иштироки донишҷӯёни факултет дар Форуми байналмилалии ҷавонон.

***Г. Неъматова, декани факултет, н.и.ф.м., дотсент***

# ФАКУЛТЕТИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ВА ТАЪЛИМОТИ КАСБӢ

Факултети мазкур яке аз факултетҳои тозатаъсиси донишгоҳ ба ҳисоб рафта, дар давоми мавҷудияти худ мутахассисони соҳаи телекоммуникатсия, менеҷменти энергетикӣ, таълимоти касбӣ ва кормандони техникии ширкатҳои мобилиро барои таъминоти эҳтиёҷоти кишварамон тайёр карда истодааст.

Факултет тибқи қарори Шӯрои олимони донишгоҳ аз 13.09.2011 ҳамчун факултети муштараки тоҷикӣ-россиягӣ "Технологияҳои соҳавӣ ва идораи инноватсияҳо" таъсис дода шуда, аз 1-уми сентябри соли 2012 ба фаъолият шурӯъ намуд.

Аз 1 сентябри соли 2014 номи факултети мазкур ба факултети муштараки тоҷикӣ-россиягӣ "технологияҳои телекоммуникатсионӣ, дизайни компютерӣ ва таълимоти касбӣ" табдил дода шуд.

Мувофиқи қарори Шӯрои олимони донишгоҳ №3 аз 24 октябри соли соли 2016 дар пояи факултети муштараки тоҷикӣ-россиягӣ "Технологияҳои телекоммуникатсионӣ, дизайни компютерӣ ва таълимоти касбӣ" факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ таъсис дода шуда, қарори мазкур бо фармоиши ректори донишгоҳ №87/У аз 31 октябри соли 2016 тасдиқ карда шуд.

Имрӯз факултет омодасозии мутахассисони соҳаи телекоммуникатсия, менеҷменти энергетикӣ, таълимоти касбӣ ва кормандони техникии ширкатҳои мобилиро аз рӯи 5 ихтисос ба роҳ мондааст.

Дар факултет зиёда аз 55-нафар устодон фаъолият менамоянд, ки аз ин миқдор 2 нафар доктори илм, 12 нафар номзади илм ва 15 нафар муаллимони ҷавон курси такмили ихтисосро дар хориҷи кишвар гузашта ба таҳияи рисолаҳои илмӣ машғул мебошанд. Ғайр аз ин факултет ҳамкории муфиди бисёрҷонибаро бо ширкатҳои мобилӣ, муассисаҳои барқи тоҷик ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, телевизиони "Пойтахт" ба роҳ монда, аҳли устодону омӯзгорон ва шогирдони факултет дар эҳё ва рушди соҳаи телекоммуникатсия, такмили менеҷменти энергетика дар шароити имрӯза ва таҳияю омода намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, меъёрию техникӣ, ҳамчунин гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-тарроҳӣ саҳмгузор мебошанд.

Ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва лоиҳакашӣ донишҷӯён низ ҷалб карда мешаванд.

Дар давраи фаъолияти факултет 5 нафар донишҷӯёни факултет таҳти роҳбарии мудири озмоишгоҳи "Мехатроника" Ибодулло Ҳақёров дар барномаи телевизионии ихтироъкорони ҷавон "Бозёфт", ки аз ҷониби телевизиони "Баҳористон" ҳар сол гузаронида мешавад, дар солҳои 2013-2015 ширкат варзида соҳиби дипломҳои дараҷаҳои 1-3 гардиданд.

Яке аз донишҷӯёни беҳтарини факултет Сайфуллоев Рустам дар соли таҳсили 2015-2016 бо лоиҳаи худ дар озмуни беҳтарин лоиҳаҳо, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида буд, ширкат варзида, ба рӯйхати 15 лоиҳаҳои беҳтарини донишҷӯён ворид карда шуд.

Устодон ва шогирдони факултет бар он кӯшиш доранд, ки дар раванди тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои телекоммуникатсия, менеҷменти энергетикӣ, таълимоти касбӣ ва кормандони техникии ширкатҳои мобилӣ ҳиссагузорӣ намуда, дар татбиқи сиёсати оқилонаю хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба пешрафт ва рушди ҳамаҷонибаи Тоҷикистони азизамон нигаронида шудааст, саҳми назаррас гузоранд.

***М. Насриддинов,***
***декани факултет,***
***н.и.и., дотсент***

## АНСАМБЛИ "НУРИ РОҒУН"

**Ансамбли "Нури Роғун", ки таҳти роҳбарии Шуҳрат Рашидов фаъолият менамояд, бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ аз 26.01.2010 таъсис ёфтааст.**

**Ансамбл бо мақсади барои донишҷӯён эҷод намудани фазои худмуаррифӣ ва худтакмилдиҳӣ, ташаккули сифатҳои баланди маънавӣ ва лаззати эстетикӣ таъсис ёфтааст.**

**Вазифаи ансамбл ба воситаи санъати мусиқӣ дар ниҳоди ҷавонон тарбия намудани ҳисси зебоипарастӣ, тақвияти нерӯи зеҳнӣ ва садоқатмандӣ ба қарзи шаҳрвандӣ, меҳанпарастӣ ва эҳсосоти шарафмандиро аз он, ки донишҷӯи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва шаҳрванди Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд, иҷро менамояд.**



## ТЕЛЕВИЗИОНИ "МАЪРИФАТ"

***Аз 25-уми апрели соли 2014 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Сектори барномаҳои телевизиони таълимии "Маърифат" (мудираш Саидмуҳаммад Раҳимов) фаъолият менамояд.***

***Телевизиони таълимии "Маърифат" корҳои зеринро дар амал татбиқ намуда истодааст: ҳамчун озмоишгоҳи таълимӣ барои тайёр намудани мутахассисони соҳаи бехатарии иттилоот, телекоммуникатсия ва технологияҳои компютерӣ дар истеҳсолот;***

***Амалӣ гардонидани барномаи "Ҷустуҷӯ ва дастгирии истеъдодҳо" дар байни донишҷӯён, олимони ҷавон ва дигар кормандоне, ки фарогири корҳои таълимӣ-тарбиявӣ, тарбиявӣ-маърифатӣ ва дигар раванди мансуб ба фаъолияти таълимгоҳи олӣ;***

***Тарғиб намудани мақола, ихтироот, китоб ва навовариҳои донишҷӯёну омӯзгорон;***

***Расонидани хабару эълонҳо ба кормандон, устодон ва донишҷӯёни донишгоҳ тариқи радио.***



**Дар сурат:** кормандони телевизион акс ёфтаанд.

## ИХТИРООТИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ



**Ҷавонони имрӯзаи мо, яъне насли замони истиқлол аз наслҳои пешина бо савияи илму дониш, маърифату ҷаҳонбинӣ, сатҳи тафаккур ва одобу ахлоқ фарқи куллӣ доранд, ки ин ҳама боиси ифтихори мо мебошад.**

***Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***



*Дучархаи барқдиҳандаи «Шӯъларез-1»*



*Гаҳвораи худкор*



*Дӯғкашаки электронӣ*

Фановар

*Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.*

САРМУҲАРРИР:
Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Юсупова З.Р., Ҳакимов Ғ.Қ., Бобоев Х.Б., Юсупов М.Ч.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

*Рӯзнома 14 июни соли 2011 таҳти рақами 0136/рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Теъдоди нашр 3000 нусха.*